Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

аз 31 январи соли 2015 №33 ш. Душанбе

Дар бораи муайян намудани Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкориро таъмин намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон